*ТДУ 930.85*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-43-48*

# *ИНКИШОФИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ТОҶИКИСТОН (2007-2017)*

***Абдуҳакимова Мунзифа Соҳибовна,*** *унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДБҲСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *РАЗВИТИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ ТАДЖИКИСТАНА (2007-2017 ГГ.)*

***Абдухакимова Мунзифа Сахибовна,*** *соискатель кафедры истории таджикского народа ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *DEVELOPMENT OF THE ENERGY INDUSTRY IN TAJIKISTAN (2007-2017)*

***Abdukhakimova Munzifa Sakhibovna,*** *research worker of History of the Tajik People Department of TSULBP (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *munzifa.abdukhfkimova@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *нерӯгоҳ, НБО, қувваи барқ, энергетика, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарбанд, сохтмон, Вахш*

*Дар мақола масъалаи инкишофи соҳаи энергетика дар Тоҷикистон дар давоми солҳои 2007-2017 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тазаккур меравад, ки расидан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Қайд мешавад, ки баъд аз он, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз содир намудани қувваи барқ ба Тоҷикистон даст кашид, ин масъала ба яке аз масъалаҳои доғ табдил ёфт. Дар давоми солҳои 2007-2017 лоиҳаҳои зиёде дар соҳаи энергетика амалӣ гардиданд, ки барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ мусоидат намуданд. Дар ҷодаи татбиқи лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон монеаҳои дохилию хориҷӣ зиёд буданд. Қатъи назар аз ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар ҳалли масъалаи таъмини қувваи барқ қадамҳои устувор гузорад.*

***Ключевые слова:*** *электростанция, ГЭС, электроэнергия, энергетика, Республика Таджикистан, плотина, сооружение, Вахш*

*В статье изучено развитие энергетического сектора Таджикистана в период 2007-2017 гг. Отмечается, что достижение энергетической независимости является одним из важнейших вопросов и стратегической целью Правительства Республики Таджикистан. Подчеркивается, что после того, как Республика Узбекистан отказалась от экспорта электроэнергии в Таджикистан, этот вопрос стал одной из острых проблем экономики нашей республики. Обосновывается мысль о том, что существовало множество внутренних и внешних препятствий на пути реализации крупных гидроэнергетических проектов в Таджикистане, но вопреки всем трудностям за 2007-2017 годы было реализовано множество проектов в сфере энергетики, которые помогли добиться полной энергетической независимости. Автор приходит к выводу, что Правительство Республики Таджикистан за 2007-2017 годы смогло предпринять решительные шаги в решении вопроса электроснабжения в республике.*

***Key words:*** *power plant, hydroelectric power station, electricity, energy, Republic of Tajikistan, dam, structure, Vakhsh*

*The article examines the development of the energy sector of Tajikistan in the period 2007-2017. It is noted that achieving energy independence is one of the most important issues and strategic goals of the Government of the Republic of Tajikistan. It is emphasized that after the Republic of Uzbekistan refused to export electricity to Tajikistan, this issue became one of the acute problems of the economy of our republic. The idea is substantiated that. There were many internal and external obstacles to the implementation of large hydropower projects in Tajikistan, but despite all the difficulties, many energy projects were implemented between 2007 and 2017, which helped achieve complete energy independence. The author comes to the conclusion that the Government of the Republic of Tajikistan in 2007-2017 was able to take decisive steps in resolving the issue of electricity supply in the republic.*

Энергетика яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳими саноат дар замони муосир ба шумор рафта рушди ин соҳа ба ташаккули соҳаҳои дигари саноат ва хоҷагии деҳот таъсири мусбат мерасонад. Дар давоми солҳои 2007 – 2017 дар низоми энергетикии мамлакат тағйироти куллӣ ба миён омаданд. Ин дигаргунӣ бевосита ба сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ва таъсири омилҳои беруна вобастагии калон дошт.

Баъд аз он, ки Ӯзбекистон аз низоми барқии Осиёи Миёна дар соли 2009 баромад дар Тоҷикистон масъалаи таъмини неруи барқ ба масъалаи доғ табдил ёфт. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика беш аз пеш таваҷҷӯҳ зоҳир намуд.

Баъди ин падида нарасидани қувваи барқ дар Тоҷикистон аз моҳи октябр то моҳи май ҳамасола идома меёфт. Дар давоми ин муҳлат бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон барои муассисаю корхонаҳо ва хонадони аҳолии шаҳру ноҳияҳо, дар давоми якчанд сол маҳдудият дар истифодаи барқ ҷорӣ карда шуда буд. Ин амал, пеш аз ҳама, барои рушди иқтисодиёт ва беҳдошти саломатии аҳолӣ зарари калон мерасонид[1].

Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон яке масъалаҳои муҳим ин таъмини неруи барқ ба ҳисоб мерафт. То соли 2009 ба Тоҷикистон неруи барқ аз Ӯзбекистон таъмин мегардид. Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ захираҳои заруриро дастрас намуда, ХИБ-и Ҷануб-Шимолро ба роҳ монд ва, ҳамин тариқ, низоми ягонаи мустақили барқӣ ташкил карда шуд. Мушкилии барқ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷиҳати дигар низ дошт. Гап дар сари он аст, ки ҷониби Ӯзбекистон кӯшиши истифода бурдани захираҳои энергетикии обии Тоҷикистонро қотеъона қабул надошт[15,с.725].

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар давоми солҳои 1991 – 2010 дар Тоҷикистон заминаҳои вусъати соҳаи энергетика ба вуҷуд омаданд, ки ин раванд минбаъд барои ба истифода додани нерӯгоҳи барқии обии Роғун мусоидат намудааст.

Лоиҳаи бузургтарини сармоягузории Русия дар Тоҷикистон ин истгоҳи барқии обии «Сангтӯда-1» ба ҳисоб меравад, ки соли 2009 пурра ба истифода дода шуд ва сохтмони ин нерӯгоҳ, дар ҳудуди ИДМ калонтарин лоиҳаи энергетикӣ ба ҳисоб рафта барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон таккони ҷиддие бахшида анҷоми пурраи сохтмони нерӯгоҳ барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овард[6, с.19].

Сохтмони нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда ҳанӯз соли 1985, яъне дар замони Шӯравӣ ба нақша гирифта шуда буд. Соли 1987 Ҳукумати Шӯравӣ барои ин сохтмони нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда – 1, ба маблағи 3 млн. сӯм сармоя ҷудо намуд. То аввали асри XX ҳамагӣ 20% - и маблағҳо азхуд карда шуду халос[6, с.20]. Дар маҷмӯъ сохтмони нерӯгоҳ дар ҳаҷми 15% иҷро шуд. Он вақт сохтани танҳо як адад нерӯгоҳ дар назар дошта мешуд ва соли 1994 сохтмонаш бояд ба итмом мерасид. Аммо бо фурӯпошии ИҶШС ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ ва ногувор гардидани вазъияти иқтисодии мамлакат сохтмони ин иншоот соли 1992 қатъ гардид. Соли 1993 он лоиҳа ба ду қисм - Сангтӯда – 1 ва Сангтӯда – 2 тақсим карда шуд[15,с.3]. Аммо барои амалӣ кардани он дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ номумкин буд. Барои он, ки на қувваи корӣ буду на дастгирии молиявӣ. Он рӯзҳо ҳама чизро ба ғорат бурданд. Соҳаи энергетикаи мамлакат қариб 10 млн доллар зарар дид.

НБО Сангтӯда-1 бо иқтидори муқарраршудаи истгоҳи барқии 670 мегаватт, истеҳсоли миёнаи лоиҳавии солона 2733 миллион киловатт-соат қувваи барқро ташкил мекунад фаъолият менамояд. Ба иншооти гидроэнергетикӣ инҳо дохил мешаванд: сарбанди сангу замин бо ядрои гилнок, дарозиаш 517 м ва баландии максималии 75 м; обпартои туннели соҳили рости сохтмон ва таъмир, ки дорои обгирандаи типи манора бо канали таъминот, ду туннели фишори байзавӣ ва дастгоҳи ниҳоӣ мебошад. Иқтидори обхезӣ - 4120 м³/с; обгирандаи типи манора бо баландии 37,5 м; чор обгузари зеризаминии турбинаи диаметраш 8 м; бинои НБО дар соҳили чап воқеъ аст[6].

Бояд қайд кард, ки иқтидори Нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда – 1 дар як сол 2,7 млрд кВт – соатро ташкил медиҳад. Нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда – 1 қариб 12%-и эҳтиёҷоти неруи баркро дар мамлакат таъмин месозад[5]. Аммо дар муддати муайян фоидаи калон аз ин нерӯгоҳ ба Федератсияи Русия дода мешавад. Дар бинои Нерӯгоҳи обии барқии Сангтӯда – 1 чор гидроагрегати амудии иқтидори ҳар кадомаш 167,5 МВт гузошта шудааст, ки бо турбинаҳои қувваи РО 75-В-600 ҷиҳозонида шудаанд, ки дар баландии лоиҳавии 58 м кор мекунанд. Истеҳсолкунандаи турбинаҳои гидравликӣ заводи металлургии Ленинград, генераторҳо корхонаи «Электросила» мебошанд. Аз генераторҳо қувваи барқ дар шиддати 15,75 кВ ба 4 трансформатори пурқуввати ОФАФ-200000/230 ва аз онҳо ба воситаи дастгоҳи кушода (ОСГ) бо шиддати 220 кВ ба системаи энергетикӣ мегузарад[7].

Сарбанди НБО обанбореро ташкил медиҳад, ки масоҳаташ 9,75 км², ҳаҷми умумии он 258 миллион метри мукааб ва ҳаҷми фоиданокиаш 12 миллион метри мукааб мебошад, ки барои

танзими ҳаррӯзаи ҷараёни об имкон медиҳад. Нишони сатҳи муқаррарии нигоҳдории обанбор 571,5 м, сатҳи ҳаҷми мурда 569,9 м мебошад[4].

Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1 тақрибан 12%-и тавлиди нерӯи барқи Тоҷикистонро таъмин намуда, камбуди мавсимӣ (дар зимистон)-ро ба таври қобили мулоҳиза (29%) коҳиш медиҳад. Ҳамчунин барои содироти нерӯи барқ дар фасли тобистон ба миқдори то 1 миллиард кВт/соат заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда мешаванд, ки тибқи нақша ин нерӯгоҳ ба яке аз манобеи нерӯи барқ барои лоиҳаи байналмилалии CASA-1000 табдил меёбад, ки содироти нерӯи барқро пешбинӣ мекунад. Нерӯи барқ аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон интиқол карда мешавад[4].

Корҳо оид ба асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи НБО Сангтӯда-1 аз ҷониби филиали Осиёи Миёнаи Институти «Гидроэлектропроект» соли 1982 оғоз гардида буд. Тартиби лоиҳакашии истгоҳи барқӣ соли 1986 оғоз ёфта бошад ҳам, вале дар моҳи августи соли 1987 мунтазири анҷоми он ба сохтмони истгоҳи барқии «Норэкгэсстрой» ба корхои тайёрӣ шурӯъ карда буд. Соли 1992 дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон сохтмони НБО Сангтӯда-1 қатъ карда шуд[8].

Соли 2004 миёни Русия ва Тоҷикистон созишнома дар бораи бунёди нерӯгоҳи Сангтӯда-1 ба имзо расида буд, ки маблағгузории ин тарҳ аз ҳисоби ҷониби Русияро пешбинӣ мекунад. 16 феврали соли 2005 ҶСК «НБО «Сангтӯда-1» таъсис ёфта, 15 апрели ҳамон сол маросими расмии идомаи сохтмон баргузор гардид, ки баъдан аз рӯи лоиҳаи ибтидоӣ, ки аз ҷониби Институти «Гидроэлектропроект» дар Маскав ба итмом расонида шудааст, сурат гирифт[6, с.19]. 15 декабри соли 2006 маҷрои рӯдхонаи Вахш бар асари таркиши мустақим бо истифода аз 400 тонна маводи тарканда баста шуд. Агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда – 1, 20 январи соли 2008, дуюмаш 1 июли соли 2008, сеюми 5 ноябри соли 2008 ва чорум 15 майи соли 2009 ба истифода дода шуд. Маблағи умумии сармоягузории Русия дар сохтмони НБО Сангтӯда-1 беш аз 16 миллиард рублро ташкил дод[11].

Ҳукумати Федератсияи Руссия барои сохтмони Нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда – 1, ба маблағи 250 млн доллари ИМА саҳмгузорӣ намуд. Дар маҷмӯъ Федератсияи Руссия 75% ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 25%-и хароҷоти сохтмони нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда – 1-ро ба уҳда гирифта буданд.

Нерӯгоҳро ҶСК "НБО Сангтӯда-1" идора мекунад, ки сармояи саҳҳомии он байни Корпоратсияи давлатии "Росатом" - 60,1%, ҳукумати Тоҷикистон - 25% ва ҶСК "Интер РАО" - 14,8% тақсим шудааст. Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1 ба Ширкати давлатии энергетикии Тоҷикистон ҶСК «Барқи тоҷик» тибқи тарифҳои дар созишномаи байниҳукуматӣ муайянгардида қувваи барқ мефурӯшад[10].

Бояд иброз дошт, дар ҷодаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Русия соҳаи энергетика мақоми хоса дорад. Анҷоми пурраи сохтмони нерӯгоҳи Сангтӯта-1 барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овард ва иқтидори энергетикии кишварро боло бардошт[7, с.14].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти нерӯи барқро ба инобат гирифта, аз соли 1996 сар карда, барои сохтани Нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда – 1, ҳар сол аз буҷаи давлат 2 млн. доллари амрикоӣ ҷудо мекард. Лекин, чунин маблағгузориҳо ягон натиҷаи хуби иқтисодӣ надоданд. Танҳо аз соли 2005 дар қисми Сангтӯда – 1 корҳои сохтмонӣ ҷоннок гардиданд. Ҳанӯз аз санаи 16 феврали соли 2005 барои сохтани он аз тарафи ширкатии русиягии «Интер РАО ЕЭС» ва Вазорати энергетикаи Тоҷикистон ҷамъияти саҳҳомии кушодаи Русияю Тоҷикистон – «НБО Сангтӯда – 1» бунёд гардид. Бояд гуфт, ки хароҷоти умумии сохтмони нерӯгоҳ – 482 млн. доллари амрикоӣ муайян карда шуд. Моҳи апрели соли 2005 сохтмони нерӯгоҳ оғоз ёфт. Санаи 15 декабри соли 2006 дар ҷои сарбанди ин нерӯгоҳ маросими бастани дарёи Вахш, бо роҳи тарконидани соҳилҳо баргузор гардид. Ин воқеаи фараҳбахш дар роҳи расидани ба истиқлолияти энергетикӣ буд.

Иқтидори нерӯгоҳ 670 меговатт, иқтидори солонааш 2,7 млрд кВт ва баландии сарбандаш – 75 метрро ташкил мекунад. Моҳи феврали соли 2010 аз ин нерӯгоҳ ба сӯи Афғонистон, ба кашидани хати барқии 220 кВт оғоз гардида, соли 2011 он пурра ба истифода дода шуда буд. Қисми муайяни барқ ҳоло ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон фурӯхта мешавад.

Нерӯгоҳи Сангтӯда-1, нерӯгоҳи барқи обии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Тоҷикистон мебошад, ки дар дарёи Вахш ҷойгир аст. Ба маҷмӯи истгоҳҳои барқии обии Вахш дохил карда

шуда, навбати чоруми он мебошад. Истгоҳи барқии обии Сангтӯда – 1 аз рӯи иқтидори истеҳсоли баъда аз НБО Норак мақоми дуюмро ишғол менамояд. Нерӯгоҳ ба ҶДММ Сангтӯда НБО-1 тааллуқ дорад, ки саҳмиядори назоратии он Ташкилоти давлатии «Росатом» мебошад [3].

Дар шароити рушди босуръати ҷомеа имрӯзҳо энергетика ҷанбаи асосии пешрафту тараққиёти иқтисодии ҳар як давлат ба шумор рафта истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ боиси рушди соҳаи мазкур мегардад. Ин ҳолат фазои муайяни иқтисодиеро ба вуҷуд меорад, ки дар доираи он инкишофи дигар соҳаҳои иқтисод ва савдо амалӣ карда мешавад.

Дараҷаи инкишофи соҳаи энергетика аз мавҷудияти сарчашмаҳои энергетикӣ - нефт, газ, ангишт ва нерӯгоҳи барқии обӣ сахт вобастагӣ доранд. Тоҷикистон аз ин сарчашмаҳо танҳо имконияти зиёди сохтани нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва захираҳои зиёди ангиштро дорад. Дар ҳудуди мамлакат зиёда аз 500 конҳои ангишт кашф карда шудаанд. Иқтидори захираҳои гидроэнергетикии мамлакат ба 527 млрд кВт мерасад. Аз ин 220,6 млрд кВт – ро метавонем, истифода барем. Аммо имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин имкониятҳо ҳамагӣ 6,5% - ро истифода мебараду халос. Солҳои охир истеҳсоли нерӯи барқ дар як сол, ба ҳисоби миёна ба 14 млрд кВт расид, ки ин талаботи рӯзафзуни мамлакатро қонеъ гардонида наметавонад. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳоро андешида истодааст, то соҳаи энергетикаро дар мамлакат ривоҷ диҳад.

Дар рафти сафари расмии Президенти Федератсияи Руссия Владимир Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 5 октябри соли 2012 сурат гирифта буд, муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Русия боз ҳама тақвият ёфта буданд. Дар рафти ин сафар созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ, ёддоштҳои тафоҳум оид ба таҳвили нафт ва маҳсулоти он, энергетика, инчунин ривоҷи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират ба имзо расонида шуданд. Президенти Руссия Владимир Путин дар роҳандозии лоиҳаҳои CASA-1000, инчунин оид ба иқдомоти Тоҷикистон дар истифодаи имкониятҳои гидроэнергетикӣ дастгирии худро изҳор намуда буд.

Ин нақша низ бо ҳамкории Федератсияи Руссия дар амал татбиқ гардид, ки дар натиҷа тамоми мамлакат ба системаи ягонаи барқдиҳӣ пайваст карда шуд.

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки соҳаи энергетика дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Яке аз самтҳои авлавиятноки ҳамкории бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи СҲИ ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика мебошад. Тоҷикистон дорои яке аз захираҳои ғании гидроэнергетикӣ дар минтақа мебошад.

Ҳамзамон кори муштарак дар сарфаҷӯии энергетикӣ ва истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия аҳамияти зиёд доро мебошад. Пеш аз ҳама ин ба нерӯи офтобӣ дахл дорад. Тоҷикистон, ки дар «минтақаи офтобӣ» воқеъ аст, барои ин имкониятҳои фаровон дорад. Нерӯи ҳосилшудаи офтобиро метавон дар рушди кишоварзӣ ва саноати минтақа истифода бурд.

То имрӯз дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон бештар аз 165 лоиҳаҳо бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо амалӣ шуда истодаанд, ки барои дастгирии рушди демократия ва идораи босамар, ислоҳоти танзим ва инкишофи низоми идоракунӣ, инкишофи инфраструктура ва боло бурдани самаранокии энергетика равона шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар маҷмӯъ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 273 адад нерӯгоҳҳои барқии обии хурд бо иқтидорҳои аз 5 то 4300 квт сохта ва ба истифода дода шудааст.

Дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2020 тамоми сохторҳои мамлакат вазифадор гардиданд, ки «…Барои кам кардани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи сарфакоронаи он, аз он ҷумла тавассути истифодаи васеи технологияи каммасраф кӯшиш намоянд. Дар он сурат мо метавонем дар соли оянда ба истиқлолияти энергетикӣ ноил гардем»[8].

Инкишофи соҳаи энергетика дар Тоҷикистон дар умум омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва саноатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он нақши НБО Сангтӯда – 1 назаррас ва муҳим мебошад.

Нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда-2 (НБО Сангтӯда-2) - поёнтар аз НБО Сангтӯда-1 дар дарёи Вахш ҷойгир шуда, бо он дар якҷоягӣ амал мекунад ва он имкони танзими ҳаракати обро (дарёи Вахш) дар давоми шабонарӯз медиҳад. Иқтидори 2 агрегати НБО Сангтӯда-2 - 220 МВт мебошад.

Бинобар мушкилоти сохтмони агрегати нахустини НБО Сангтӯда-2, сентябри соли 2011 ва агрегати дуюм сентябри соли 2014 пурра ба истифода супорида шуданд. Нерӯгоҳ аз ду агрегат

иборат буда, дар маҷмӯъ 220 МВт нерӯи барқ тавлид мекунад. Тавоноии солонаи нерӯгоҳ истеҳсоли 1 миллиард кВт соат муайян шудааст[12].

Мутобиқи шартномаи байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон интиқоли барқ аз ҷумлаи барқи дар НБО Сангтӯда-2 истеҳсолшуда, дар фасли тобистон ба воситаи Хати баландшиддати барқии ЛЭП Сангтӯда - Пули Хумри то 300 мегаватт ба Афғонистон ирсол мегардад[3].

Яке аз иншооти бузургтарини соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин НБО Роғун мебошад. Нерӯгоҳи барқи обии Роғун (НБО Роғун) — нерӯгоҳи барқи обии калонтарин дар дарёи Вахш мебошад, ки сохтмонаш дар дарёи Вахш давом ёфта истодааст.

Дар давоми солҳои 2009-2012 вобаста ба масоили сохтмони НБО "Роғун" миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон нофаҳмиҳо ба вуҷуд омаданд. Овозаи таҳдиди ҷанг аз ҷониби Ӯзбекистон паҳн шуда, баҳси Роғун то СММ рафта буд[13].

Аз аввалин рӯзҳои пайдо шудани масъалаи барқарор намудани бунёди НБО Роғун ягона кишвар Ӯзбекистон буд, ки бевосита ба ин масъала зиддият нишон дода ба сохтани он бо ҳарос назар мекард, ки гуё Тоҷикистон силоҳи ҳастаӣ сохта, ба муқобили ҳамсояи худ истифода мебурда бошад. Дар ҳоле, ки бунёди нерӯгоҳ бар нафъи кишварҳои ҳамсоя ҳам ҳаст, яъне ба давлатҳои Афғонистон, Покистон ва ё ба дигар минтақаи Осиёи Марказӣ содир кардани қувваи барқ барои манфиатҳои кишварҳои минтақа хизмат хоҳад кард. Ин ҳолат боиси рушди иқтисодии минтақа мегардад.

Дар робита ба масъалаи мазкур, таҷрибаи мамлакатҳои ҷаҳон нишон дода истодааст, ки бо надоштани шароити хуби иҷтимоию иқтисодии ин ё он давлатҳо сабаби пайдо шудани ҳаракатҳои экстремистӣ ва халалдор кардани амнияти онҳо мегардад. Имрӯз бунёди нерӯгоҳ ин танҳо масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ набуда, масъалаҳои амниятиро низ дар бар мегирад (пеш аз ҳама амнияти иқтисодӣ), ки он метавонад вазъияти кунунии минтақаро рӯ ба беҳбудӣ оварад[10,с.133].

Бо назардошти чунин манфиатҳо дар масъалаи мазкур кишварҳои ҳамсояро мебояд воқеъбинона назар намоянд ва аз яккатозиҳои танҳоӣ бояд баландтар назар намуд, яъне манфиату амнияти минтақаро низ бояд ба инобат гирифт[10,с.134].

Баъди дар соли 2009 аз фурӯхтани қувваи барқ ба Тоҷикистон даст кашидани Ӯзбекистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур шуд, ки сохтмони НБО Роғунро тезонида бо ҷалби сармояи хориҷӣ лоиҳаҳои хурду миёна ва бузургро дар соҳаи энергетика таҳрезӣ ва амалӣ намояд. Аз соли 2008 то соли 2014 дар фасли Зимистон ба деҳот умуман қувваи барқ намерасид. Бо ба сари кудрат омадани Шавкат Мирзиёев дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибатҳои иқтисодиву сиёсии ин ду кишвар дигаргун ёфт. Ҳоло Тоҷикистону Ӯзбекистон муносибатҳои дӯсти дошта ҳамкориро ба роҳ мондаанд. Ин ҳолат ба манфиати ҳар ду ҷониб ва кишварҳои дигари минтақа мебошад.

Ҳамин тавр дар давоми солҳои 2007-2017 иқтидори энергетикии Тоҷикистон қариб як баробар афзуда норасоии қувваи барқ дар фасли сармо то андозае аз байн бурда шуд. Ғайр аз ин Тоҷикистон ба Афғонистон, Ӯзбекистон ва Покистон барқ мефурушад. Дар назар аст, ки дарояндаи наздик аз Тоҷикистон ба Ҳиндустон барқ интиқол дода мешавад. Бояд гуфт, ки инкишофи соҳаи энергетика дар мамлакат боиси пешрафти саноат дар минтақа мегардад. Ҳамчунин бояд хотиррасон шуд, ки татбиқи ин раванд ба ҳама давлатҳои ҳамсоя таъсири мусбат мерасонад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» Тоҷикистон дар қатори шаш кишвари пешсафи сайёра қарор дорад //www.khovar.tj
2. Бобохонов, М.Б. Таърихи тоҷикони ҷаҳон/М.Б.Бобохонов. - Душанбе, 2005 – 286 с.
3. В Таджикистане официально сдана в эксплуатацию ЛЭП Сангтуда-Пули Хумри news.tj- 4 январи 2015 санҷида шуд.
4. Годовой отчёт ОАО «Сангтудинская ГЭС-1» за 2018 год//www.khovar.tj
5. Динамика производства. ОАО «Сангтудинская ГЭС-1»//www.khovar.tj
6. Ибодуллозода, А. И. Мухтасаре аз таърихи сохтмони НБО-и "Сангтуда-1 / А. И. Ибодуллозода // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2020. – No. 4(65). – P. 19-23. – EDN TJCVCX.

7. Мулоқот бо сохтмончиёни Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”// www.president.tj.
8. Официальный сайт ОАО «Сангтудинская ГЭС-1» https://www.sangtuda.com/-Дата обращения: 19 марта 2022 г.
9. Паёми Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ., Душанбе 22 декабри соли 2020//www.president.tj
10. Саидов, Ш.Ш. Ҷавонон ва далати миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ/Ш.Ш.Саидов. – Душанбе: “Ирфон”, 2015 – 148 с.
11. Сангтудинская ГЭС — 1. ООО «Интер РАО — Инжиниринг». Дата обращения: 18 марта 2022 г.
12. Тоҷикистон макони нур шуд(тоҷ.). harakat.tj (6 марти 2016)., (Санаи муроҷиат 12.04.2022).
13. Тоҷикистон бо барқи худи таъмин мегардад // Ваҳдат. – 2011. – №6 (158) март.
14. Эмомалӣ, Раҳмон. Заҳмати имрӯз ба хотири осудагии фардост/Э.Раҳмон //Садои мардум. 2010 – 19 январ. С. 2
15. Якубов,Ҷ.К.Оид ба масъалаи раванди ҷадиди интегратсионӣ дар муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон/К.Ҷ.Якубов,М.О.Миралиева//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир”. – Хуҷанд, 21-22-юми июни соли 2019 – 732 с.

## REFERENCES :

1. According to the percentage of "green energy" production, Tajikistan ranks among the six leading countries on the planet //www.khovar.tj. - date of the application:12.05.23
2. Bobokhonov, M.B. History of Tajiks of the World/M.B. Bobokhanov. - Dushanbe, 2005 – 286 p.
3. In Tajikistan, the Sangtuda-Puli Khumri power line was officially put into operation //news.tj.- date of the application:15.12.22
4. Annual report of OAO “Sangtuda HPP-1” for 2018. OAO "Sangtuda HPP-1" //www.khovar.tj - date of the application:15.12.22
5. Production dynamics.OAO "Sangtuda HPP-1" //www.khovar.tj.- date of the application:15.07.23
6. Ibodullozoda, A. I. A Brief History Of Construction Of Usangtuda-1 ” Hps/ A. I. Ibodullozoda // "Scientific Notes" of Khujand State University named after academician B. Gafurov, series of humanities and social sciences. - 2020. - No. 4(65 ).- P. 19-23.- EDN TJCVCX.
7. Meeting with the builders of the "Rogun" hydroelectric power station// www.president.tj.
8. Official website of OAO Sangtuda HPP-1 https://www.sangtuda.com/-Date of access: March 19, 2022
9. Message of the Founder of Peace and National Unity, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Supreme Assembly, Monday, December 22, 2020//www.president.tj
10. Saidov, Sh.Sh. Youth and national power in the process of globalization / Sh. Sh. Saidov. - Dushanbe: Irfan, 2015 - 148 p.
11. Sangtuda HPP - 1. OOO "Inter RAO - Engineering". Date of access: March 18, 2022
12. Tajikistan became a place of light// harakat.tj (March 6, 2016) - Date of application 04/12/2022.
13. Tajikistan is self-sufficient in electricity // Vahdat. – 2011. – No. 6 (158) March.
14. Emomali Rahmon. Today's hard work is for the sake of tomorrow's peace //"Voice of the people". - 2010 – January 19. P. 2
15. Yakubov, J. K. On the issue of the new integration process in Tajikistan-Uzbek relations/ K. J. Yakubov, M. O. Miralieva// Material of the international scientific-practical conference "Economic, social and cultural cooperation between Tajikistan and Uzbekistan: history and modern times". - Khujand, June 21-22, 2019 - 732 p.